**Мизи мудаввари муштараки байналмилалии бостоншиносони Тоҷикистон ва Фаронса, Душанбе, 4 октябри соли 2017**

***Мавзӯъ: Саҳми олимони Фаронса дар таҳким ва омӯзиши ёдгории дорои аҳамияти ҷаҳонии аҳди қадими кишоварзии Саразм.***

Ҳамкории бостоншиносони ду давлат аз соли 1984 то имрӯз дар ёдгории **Саразм - иншооти мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО** идома дорад .

Дар кори ташкилии ин ҳамкории муштарак саҳми собиқ Президенти АИ ҶТ М. Осимӣ ва нахусткашшофи Саразм доктори илмҳои таърих А. Исҳоқов хело назаррас буд.

Дар ин давра бостоншиносон дар объектҳои 7, 14, 16, 17 ҳафриёт гузарониданд. Давраи тадқиқот замонҳои қадими кишоварзии аҳди мису санг ва биринҷиро дар бар мегирад.

То кашфиёти Саразм намунаи ин давраи таърихи минтақа танҳо дар ҳудуди Эрону Афғонистон, Покистону Ҳиндустон ва Туркманистони Ҷанубӣ буду халос.

Устод Бобоҷон Ғафуров ҳангоми навиштани шоҳасари хеш «Тоҷикон» аз маводҳои бостоншиносонии ҳудудҳои дар боло зикргардида истифода бурдаанд.

Кашфиёти Саразм дар солҳои 70 – уми қарни бистум ҳангомаи аср дар илми бостоншиносии Шарқ шуморида мешуд.

Айни замон бостоншиносони Фаронса дар ҳамкорӣ бо мутахасисони тоҷик ба тадқиқоти комплексии (биологӣ, зоологӣ, муҳити зист, муайян намудани намуди зироатҳо, боғдорӣ, ҳунармандии бисёрсоҳа, геология ва дигар соҳаҳои ҳаёти мадании) Саразми бостонӣ машғуланд.

Натиҷаи ҳамкориҳо дар маҷалаҳои илмии Тоҷикистону Фаронса ( аз ҷумла, ҳисоботи ҳарсолаи АИ ҶТ) ва нашрияҳои илмӣ паёваста нашр мешаванд.

Мизи мудаввар аслан ба таҳлил ва баррасии ин ҳамкориҳо бахшида мешавад.

Инак 33 сол аст, ки ҳамкории олимони тоҷику фаронса дар ёдгории Саразм идома дорад. Дар ниҳояти кор дар Фаронса ва Тоҷикистон асару мақолоти илмии бостоншиносони ду ҷониб нашр хоҳанлд шуд, ки боиси боз ҳам бештар шинохтани Саразм дар сатҳи ҷаҳонӣ хоҳад буд.